**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович ба яке аз мавзуъҳои мубрамми илми ҳуқуқи коснтитутсионии ватанӣ «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» бахшида шудааст. Дар шароити муосир, ки давлатҳои имрӯза бо мушкилоти гуногун, ки баъзеи онҳо хусусияти глобалиро касб намуда, нигаронии давлатҳоро ба бор овардааст. Дар иртибот бо ин, давлатҳоро зарур аст, ки ба ҳалли вазифаҳои муҳим, ки ба бартарафсозии мушкилоти мавҷуда мусоидат менамоянд, саъй намоянд. Таъмини амнияти миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосӣ барои тамоми давлатҳои ҷаҳони муосир, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, таъмини пурра, самаранок ва ҳамаҷонибаи он ба рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳалли дигар мушкилоти ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ ба амалишавии вазифаҳо ва ҳалли ҳадафҳои дар назди кишвар гузошташуда мусоидат менамояд. Бинобар ҳамин, аз нигоҳи илмӣ

мавриди баррасӣ ва пажуҳиши амиқи илмӣ қарор додани масъалаи таъмини амнияти миллӣ, махсусан аз дидгоҳи илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ таҳлил гардидани масъалаи мазкур ба таҳияи консепсияҳои нави илмӣ дар ин самт, равшан намудани паҳлуҳои мухталифи он, муайян намудани мушкилоти ҷойдошта вобаста ба танзими ҳуқуқии конститутсионии амнияти миллӣ ва таҳияи тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснок ҷиҳати таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии конститутсионии масъалаи мазкур мусоидат менамояд.

Таҳқиқоти мазкур авалин тадқиқоти ватание мебошад, ки ба амалишавии меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар соҳаи амнияти миллӣ бахшида шуда, бо забони давлатӣ, яъне риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №268 навишта шудааст. Таҳқиқоти мазкур бунёдӣ буда, дар сатҳи маҷмуи корҳои илмӣ иҷро карда шудааст.

Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ баён гардидаанд, ки аслан дар он муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтаанд ва ба тафаккури назариявӣ-амалии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии масъалаҳои амниятӣ дар ниҳоди институтсионалии онҳо равона карда шудаанд. Инчунин дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ ба вуҷуд меоянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ ба омилҳое асос ёфтааст, ки таҳдидҳои амнияти миллиро фаро гирифтааст. Ба мисли, заминаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, принсипҳои ташаккул, сохтор ва фаъолияти институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва механизми таъмини амнияти миллӣ ва вазъи дастовардҳои илмӣ оид ба масъалаҳои

танзими давлатию ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти миллӣ. Дар ин росто, таҳқиқи анҷомдодаи муаллифи кори илмӣ дар ҳалли ин масоили мубрам нақши калон мебозад.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Дар маҷмуъ, бояд гуфт, ки автореферати таҳқиқоти диссертатсияи М.Қ. Ҳакимов мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пай дар пай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯйи нуқтаи назари мантиқӣ дуруст таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат мебошад.

Дар баробари таҳлили масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мо бар он назар ҳастем, ки агар дар зербоби масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, дар заминаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ пажуҳиш мегардид, сифати таҳқиқоти диссертатсиониро боз ҳам баландтар мебардошт.

Ин ҳолат ба мазмуни мусбии таҳқиқоти диссертатсионии М.Қ. Ҳакимов таъсир нарасонида, баръакс аз мубрам будани масъалаи таҳқиқшаванда гувоҳи медиҳад.

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссетатсионии Ҳакимов Мирзовалӣ Қодирович дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» ба талабот ва муқаррати Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси

12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститусионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
**Дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Соибов З.М.**

**Имзои Соибов З.М. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«28» 12 2023 с.**

**Суроғаи муқарриз:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, тел. (+992-37) 221-62-25; (+992-37) 227-15-10 Email: info@tnu.tj.